Мирсаид Миршакар

# ЯК СОЛИ КОМИЛ





ББК 84 тоҷик 7-5
М. 66

Китоб ба фестивали ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакон ва наврасони Тоҷикистон» бахшида мешавад.

**Миршакар Мирсаид. Як соли комил.**
**Душанбе: Афсона, 2012. 28 с.**

***Шеъри устод Мирсаид Миршакар «Як соли комил» дар сифати 12 моҳ суруда шудааст. Шоир манзараи табиат ва тағйирёбии онро дар ҳар моҳ хеле моҳирона инъикос кардааст.***

ISBN 978-99947-870-0-8

©Миршакар Мирсаид, 2012

Мирсаид Миршакар

# ЯК СОЛИ КОМИЛ



Душанбе,
«Афсона», 2012



921 ч/з

# ЯНВАР

Ҳар боре Соли навин
Аз январ сар мешавад,
Тақвим ҳам инчунин
Аз январ сар мешавад.

Дар водию дар кӯҳсор
Меборад барфи бисёр,
Дар кишварҳои шимол
Дашту саҳрою кӯҳсор
Мехобад дар зери барф
То худи фасли баҳор.

Аммо дар Тоҷикистон
Январ ноустувор аст:
Як рӯзаш гар зимистон,
Рӯзи дигар баҳор аст.



# ФЕВРАЛ

Моҳи феврал моҳи хурд,
Аммо кораш калон аст,
Рӯзу шабҳои дароз
Боди тундаш вазон аст.

Дар беша мерақсонад
Дарахтонро боди тунд,
Теппа аз барф месозад
Биёбонро боди тунд.

Ба истиқболи баҳор
Шодон феврал метозад,
«Аз ҳама хоҳаронам
Хурдам», -- гуфта менозад.

Дар Тоҷикистони мо
Нисфи феврал баҳор аст,
Дар лаб-лаби ҷӯборон
Себаргаҳо қатор аст…



# МАРТ

«Дар моҳи март», -- мегӯянд,--
Ҷон мегирад Офтоб»,
Барфи кайҳо хобида
Мешавад бедор аз хоб.
Барфу яххо об шуда
Яксар нобуд мегардад,
Рӯйи заминро дида,
Деҳқон хушнуд мегардад.
Дар боғу дар бешазор –
Паррандаҳо ғазалхон,
Дар кӯчаҳо метозанд
Шоду хандон баччагон.
Диловар марди деҳқон
Нишаста бар трактор,
Ба саҳро мебарояд,
Ояд вақти киштукор.
Аммо дар Тоҷикистон
Баҳор дар ҷӯшу хурӯш,
Дашту водию кӯҳсор –
Гул бар сару гул бар дӯш.



# АПРЕЛ

Моҳи апрел аз азал
Моҳи боронпарвар аст,
Ҳар қатраи боронаш
Рахшанда чун гавҳар аст.
Н-оварда тобу тоқат
Бар борону офтоб,
Барфу ях дар кӯҳистон
То охир мешавад об.
Дар ҳар ҷо ҷорӣ гашта
Чашмаву рӯду ҷӯбор,
Лоф ба дарё зананд
Дарёчаҳо дар баҳор.
Хирсу мору мӯрчаҳо
Аз нав бедор мешаванд,
Аз пайи ризқу рӯзӣ
Ба ҳар тараф медаванд.
Апрел дар Тоҷикистон
Моҳе гарм асту нарм аст,
Бо бӯйи гул мешавад
Булбули хушнаво маст.
Ҳар ҷо дарахти мева
Гул мекунад сар то сар,
Сабзу хуррам мешавад
Кӯҳу саҳро баробар.





# МАЙ

Дар аввали ҳар моҳи май
Меҳнаткашон дар ҳар куҷо
Бо ҳам намоиш медиҳанд
Зӯру тавони хешро.

Шодону хандон мешавад
Рӯйи табиат дар ҷаҳон,
Садбарг -- зеби ҳар чаман,
Гул мекунад дар бӯстон.

Дар Тоҷикистон инчунин
Олам гулистон мешавад,
Дар боғу роғи мамлакат
Мева фаровон мешавад.

Ин меваи хуштаъмро
Бегона мебинад агар,
Албатта, мепурсад зи мо:
-- Ин ҷост тобистон магар?!



# ИЮН

Баъди моҳи май
Меояд июн,
Гармии хуршед
Мешавад афзун.
Дар моҳи июн
Бар лалмикорон
Оби шифоест
Ҳар қатра борон.
Дар ҷануб аммо
Гарм аст бисёр,
Меҳнат намудан
Рӯзона душвор.
Дар мулки мо ҳам
Гарм аст, аммо
Барои пахта
Ҷон аст гармо.
Деҳқони тоҷик –
Марди забардаст,
Ба гармии рӯз
Одат бикардаст.
Мепазад ангур,
Себу зардолу,
Ҳандалаку тут,
Тарбузу олу.
Коми шуморо
Дар дуру наздик,
Мекунад ширин
Меваи тоҷик.



# ИЮЛ

Июл -- июнро хоҳар,
Ҳар ду -- моҳи тобистон,
Сер аз нури хуршеданд,
Аз ҳар ду розӣ -- деҳқон.

Ғалларову меваро
Дар вақташ мепазонад,
Ниҳолҳои пахтаро
Нағзакак мерасонад.

Дар водиҳои зархез
Гул мекунад пахтазор,
Мошини пахтачинӣ
Ба пахта чидан тайёр.

Айёми истироҳат
Барои мактабхонон,
Фасли хуби саёҳат
Барои навҷавонон.


PREMIUM BANANAS

# АВГУСТ

Моҳи августи рӯгарм
Охири тобистон аст,
Моҳи хурсандиовар
Аз барои деҳқон аст.

Деҳқонони қавидил
Сина сипар мекунанд,
Ба ғунду чини ҳосил
Якҷоя сар мекунанд.

Лекин аз рӯйи меҳнат
Мегиранд онҳо ҳосил,
Дар додани музди кор
Замини мост одил!





# СЕНТЯБР

Сентябри забардаст
Аввали тирамоҳ аст,
Ҳарорати офтоб
Ҳар рӯз мешавад паст.

Аз сайру аз саёҳат
Бармегарданд ҷавонон,
Бармегарданд аз хиргоҳ
Баччаҳо шоду хандон.

Ҳар кадомаш дар мактаб
Сар мекунад хонишро,
Ҳар кадомаш мекӯшад
Ба даст орад донишро.

Пахтачинӣ дар авҷ аст
Дар майдони пахтазор,
Ба заводҳо гардидаст
Пахтаи нав раҳсипор.

Себу анору биҳӣ,
Ҳам ангури рангоранг,
-- Моро чинед, -- мегӯянд, --
Намонем дар зери чанг.



# ОКТЯБР

Октябр – тиллоранг,
Бешаю боғу саҳро
Гӯё, ки пӯшидаанд
Куртаҳои зарринро.

Ҳар гаҳ борон meборад,
Мешӯяд чангу ғубор,
*Аз рӯйи кӯҳу саҳро,*
*Арчаву беду чинор...*

Барои пахтакорон
Борон ғайри матлуб аст,
Ҳаво кай парво дорад,
Ки кораш бад ё хуб аст?

Мардони ҳимматбаланд
Ба якдигар мегӯянд:
-- Шафқатро аз табиат
Наҷӯй, эй марди меҳнат!



# НОЯБР

Ноябр муқаддас аст
Барои меҳнаткашон,
Оинаи ибрат аст
Барои халқи ҷаҳон.
Қадри ин маҳ медонад
Мардуми Тоҷикистон.

## ДЕКАБР

Даромад моҳи декабр
Бо зимистон якбора,
Дар тан -- либоси барфин,
Тугмаҳояш -- яхпора.

Аз тан бадар кардаанд
Ҷомаи арринашон,
Ҷомаи нуқрагине
Пӯшидаанд дарахтон.

Оби ҷӯю дарёҳо
Сар то сар ях бастаанд,
Аз болояш медаванд
Мактабиёни хурсанд.

Арчаи сабз аз кӯҳсор
Ба водӣ мефурояд,
Дар Соли Нав назди мо
Меҳмон шуда меояд.

Дар атрофаш бачаҳо
Ашӯлахон мерақсанд,
Падарҳову модарҳо
Аз кори онҳо хурсанд.

Соати афсонавӣ
Ногаҳ хабар медиҳад:
-- Мужда бодо! Соли Нав!
Ба мулки мо даромад!





МИРСАИД МИРШАКАР

# ЯК СОЛИ КОМИЛ
(Силсилаи шеърҳо)

Муҳаррир Ҷ. Ҳошимӣ
Пероягар Х. Равшанёр


КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА БАРГАРДОНЕД

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |


ҶДММ «Ҳоҷӣ Ҳасан»

